Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ризоева Парвина Суҳробовна дар мавзуи «Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI-XII)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб)

Арабисароӣ ва арабинависӣ аз зумраи суннатҳои қадимаи адабиёти форсу тоҷик ба шумор рафта, сароғози он ба давраи футуҳоти арабӣ рост меояд, ки дар натиҷаи он забону хатти арабӣ миёни мардумони эронитабор интишор гардид ва рушди бесобиқа пайдо намуд. Дар робита ба ин, қобили тазаккур аст, ки ташаккулу ривоҷи забону адабиёти араб то ҳадди зиёде ба шахсиятҳои илмию адабии форсу тоҷик пайвастагии қавӣ дошта, маҳз онҳо пояҳои тамаддуни исломиро таҳким бахшида ва қисмати аъзаме аз осори арзишманди адабиёти арабро падид овардаанд.

Дар таърихи адабиёти арабизабони форсу тоҷик садаҳои XI-XII ҷойгоҳи хосро соҳиб буда, аҳди ривоҷи илму адабиёт маҳсуб меёбад. Зеро ҳамаи самараҳои улуме, ки дар қарнҳои қаблӣ ба бор омаданд, дар ин аҳд баъди устувор гардидани робитаҳо миёни илмҳои мухталиф ва таҳким ёфтани фарҳанги исломӣ дар гӯшаву канораҳои хилофати исломӣ рушду нумуъ пайдо карданд. Марҳалаи мазкури рушду таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик ба аҳди Салҷуқиён рост меояд. Маҳз дар ин аҳд як гурӯҳи калони мутафаккирони барҷастаи улуми арабӣ ва адибони маъруфи арабизабон ба майдони тамаддуни исломӣ ворид гардиданд, ки осори эшон дар ташаккули тамаддуни исломӣ нақши мондагоре гузоштааст. Мусаллам аст, ки бидуни омӯхтани адабиёти арабизабони давраи мазкур, ки дар паҳлуи адабиёти форсизабон ривоҷи тамом дошт, наметавон тасаввур ва дидгоҳи комиле дар бораи адабиёти аҳди Салҷуқиён ҳосил намуд. Яке аз намояндагони машҳури адабиёти арабизабони форсу тоҷики садаҳои XI-XII шоиру донишманди номвари аҳди Салҷуқӣ Абумузаффари Абевардӣ ба шумор меравад. Дар эҷодиёти ғаноманди Абумузаффари Абевардӣ руҳияи назми арабии садаҳои XI-XII равшан ба зуҳур омадааст.

Диссертатсияи Ризоева Парвина Суҳробовна ба пажуҳишу омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва мухтассоти ашъори Абумузаффари Абевардӣ, таъйин намудани нақши ӯ дар тарвиҷи адабиёти арабизабони асрҳои XI-XII ихтисос дода шудааст. Ҷойи чунин таҳқиқ дар

адабиётшиносии форсу тоҷик ва араб воқеан то кунун холӣ буд ва таҳқиқи анҷомдодаи муаллифи диссертатсия ин холигоҳро пур мекунад.

Ҷиҳати даст ёфтан ба ҳадафи пешгузоштаи худ диссертант қабл аз ҳама ба девони шеърии Абумузаффари Абевардӣ такя намудааст. Афзун бар ин, дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ соири масодири адабию таърихии асримиёнагӣ ба забонҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ ҳамчун сарчашмаҳои муҳимтарини шинохти рӯзгору эҷодиёти Абумузаффари Абевардӣ ба кор гирифта шудаанд. Аз ин лиҳоз, рисола бар асоси манобеи муътабари илмию адабӣ ва омӯзиши таҳқиқоти муосир таълиф гардида, хулосаҳои умумии бар асоси таҳлилҳои дар бобу фаслҳои асосии он берун овардаи муаллиф мантиқӣ ва муътамад мебошанд.

Натиҷа ва дастовардҳои диссертатсияи Ризоева П.С. қабл аз ҳама он нуктаро таъйид мекунад, ки Абевардӣ яке аз донишмандони забардасти Абевард, донандаи беҳтарини улуми арабӣ ва аз шоирону адибони шуҳратманди замони худ маҳсуб гардида, бо сабки матину устувор ва табъи зарифу баёни фасеҳ миёни ҳамзамононаш мумтоз гардида буд. Асарҳои Абевардӣ инъикосгари донишварӣ ва суханшиносии ӯст, зеро дар шумори таълифоти ӯ аз осори мутааллиқ ба улуми дақиқу зистшиносӣ то улуми инсоншиносӣ қарор доранд, ки дар маҷмуъ, меҳвари биниши ӯро ташкил додаанд. Танаввуи осори Абевардӣ дараҷаи рушду инкишофи улуми мухталифро дар замони зиндагии шоир равшан таҷассум менамояд.

Баррасии мухтасари девони шоир, нусхаҳои хаттии он, нашрҳо ва шуруҳи девон аз ҷониби диссертант собит мекунад, ки Абевардӣ дар адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз шоирони пешрав ва тавоное шинохта шудааст, ки яке аз аввалинҳо шуда, девони худро ба мавзуъҳои ҷудогона қисмат намудааст. Ин амали ӯ муҷиби пазириш ва пайравиҳои зиёде шудааст, ки китобат шудани он борҳо аз ҷониби котибон яке аз ин аснод қаламдод мешавад. Дар канори ин, шуҳрати беандозаи ашъори Абевардӣ боис шуда, то шореҳони зиёде бар он рӯ биёваранд ва дар заминаи он осори гаронқадри адабӣ биёфаранд.

Мавзуоти меҳварии диссертатсияро таҳқиқи мавзуъ ва хусусиятҳои ашъори Абумузаффари Абевардӣ, аз қабили мадҳия, фахрия, васфия, ғазал, марсия, андарзу шиква ва ҳамзамон бозтоби муҳити фарҳангии Эронзамин ва корбурди вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар эҷодиёти шоир ташкил медиҳад. Дар пайвастагӣ ба ин, муаллифи диссертатсия шеъри шоирро аз лиҳози мавзуъ метавон ба ду қисмат тақсимбандӣ намудааст. Нахуст, мавзуоти асосӣ, ки ба он мадҳия, фахрия, васфия, ғазал дохил

мешаванд ва дуюм, мавзуоти дуюмдараҷа, ки аз рисо, шиква ва панду андарз иборат мебошанд. Ҳар яке аз ин мавзуъҳои зикргардида дар диссертатсия ба таври амиқ омӯхта шуда, ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Чунин равиши пажуҳиш барои муҳаққиқ имконият фароҳам овардааст, ки арзишу аҳаммияти ашъори ин шоири шӯҳратёрро аз лиҳози мавзуъ дар адабиёти арабизабони асрҳои XI-XII таъйин намояд.

Ҳамзамон муҳаққиқ дар муайян намудани арзиши мероси адабии Абумузаффари Абевардӣ дар эҳёву идомаи суннатҳои назми форсӣ-тоҷикӣ дар шеъри арабӣ, таъсири мутақобили онҳо ба ҳамдигар низ кӯшиш намуда, дар ин росто ба тавфиқ даст ёфтааст. Хулосаи муҳим ва ҷомеи муаллифи диссертатсия дар он ифода шудааст, ки бо таъсири муҳити мадании Эронзамин ва суннатҳои қадимаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ тасвири табиати фасли баҳор ва манзараҳои он, тараннуми суннатҳои иду ҷашнҳои мардумии форсӣ-тоҷикӣ, бахусус Наврӯз, тараннуми шаҳру мавзеъҳои Эронзамин дар шеъри Абевардӣ густариш пайдо кардаанд. Корбурди муарработи форсӣ-тоҷикӣ агар аз як тараф таъсири муҳити Эронзаминро ба шеъри арабизабон нишон диҳад, аз ҷониби дигар, ин падида инъикосгари идомаи суннатҳои истифодаи вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар шеъри арабӣ мебошад.

Диссертатсияи Ризоева П.С. дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои назарии диссертатсия ба таҳқиқи минбаъдаи таърихи адабиёти арабизабони аҳди Салҷуқиён чун ҷузъи ҷудонашавандаи адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик ва омӯзиши эҷодиёти намояндагони он мусоидат карда метавонад.

Натиҷаҳои амалии диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти аҳди Салҷуқиён, таърихи равобити фарҳангӣ ва адабии Арабу Аҷам ва навиштани таърихи адабиёти арабизабони форсу тоҷик, ҳамчунин таҳияи китобҳои дарсӣ оид ба таърихи адабиёти форсу тоҷик истифода намуд. Лозим ба таъкид аст, ки Ризоева П.С. дар ҷараёни таълифи диссертатсия дар омӯзиши девони шоир ва тарҷумаи ашъори он, баррасии манобеи муътабари арабию форсӣ, таҳқиқи пажуҳишҳои донишмандони муосири араб, осори мусташриқони аврупоӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ фаъолияти хуб нишон дода, кори баанҷомрасонидааш маҳсули ковишҳои илмии зиёда аз даҳсолаи ӯст. Фишурда ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф мундариҷаи диссертатсияро ба таври комил инъикос мекунанд.

Бо назардошти нукоти зикршуда диссертатсияи Ризоева Парвина Суҳробовнаро дар мавзуи «Абумузаффари Абевардӣ ва ҷойгоҳи

ӯ дар таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик (асрҳои XI-XII)» кори илмии баанҷомрасида ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба навиштани диссертатсияҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) ҷавобгӯ меҳисобам ва онро барои дифоъ тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
номзади илми филология,
дотсент, мудири кафедраи
филологияи араби Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна
Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992) 987509968
E-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

Имзои Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновнаро
“тасдиқ менамоям”
сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.
Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: **(+992-37) 221-77-11** Факс: **(+992-37) 221-48-84**
E-mail:**info@tnu.tjint.re@gmail.com** http://www.tnu.tj